# Насиҳат ва тавсияҳое барои касоне, ки қасди ҳаҷ кардан доранд

[Тоҷикӣ – Tajiki – طاجيكية]

Таҳия ва тарҷума: Дорулисломи Тоҷикӣ

2013 - 1434

IslamHouse.com

# نصائح و وصايا لمن قصد حج بيت الله

«باللغة الطاجيكية»

إعداد و ترجمة: دار الإسلام الطاجيكي

2013 - 1434

IslamHouse.com

Насиҳат ва тавсияҳое барои касоне, ки қасди ҳаҷ кардан доранд.

Ҳаргоҳ мусалмон азми сафар ба ҳаҷ ё умра кард барои ӯ мустаҳаб аст, ки хонавода ва дустонашро ба тақвои Илоҳи, яъне амал ба авомир ва иҷтиноб аз навоҳии Ӯ таъоло тавсия кунад.

Ва шоиста аст, ки ончиро бар мардум доду гирифт дорад бинависад ва бар он шоҳид бигирад. Ва бар ӯст ҳарчи зудтар ба тавбаи насух аз тамоми гуноҳон мубодират (тези) варзад ва онҳоро тарк намояд ва аз гузаштаи худ нодим ва пушаймон шавад ва азме дошта бошад, ки дигар бор ба он гуноҳон боз нагардад чунончи Худованд мефармояд:

﴿وَتُوبُوٓاْ إِلَى ٱللَّهِ جَمِيعًا أَيُّهَ ٱلۡمُؤۡمِنُونَ لَعَلَّكُمۡ تُفۡلِحُونَ ٣١﴾ [النور : ٣١]

**«Ва ҳамаги басуи Аллоҳ боз гардед, эй муминон то растагор шавед».**

Нур 31

Ва ҳақиқати тавба онаст, ки инсон аз гуноҳон даст бардорад ва онҳоро тарк намояд ва бар гузаштаи худ (ба сабаби иртикоб ба гуноҳон) нодим ва пушаймон шавад ва азме дошта бошад, ки дигар онҳоро анҷом надиҳад.

Ва агар мардум бар ӯ ҳаққе доранд чи мутааллиқ ба нафс бошад ё мол ва номус қабл аз сафараш ҳаққи онҳоро бозгардонад ва ё аз онҳо

ҳалолият биталабад чунон, ки Паёмбар (с) фармуданд:

"مَنْ كَانَتْ لَهُ مَظْلَمَةٌ لِأَخِيهِ مِنْ عِرْضِهِ أَوْ شَيْءٍ، فَلْيَتَحَلَّلْهُ مِنْهُ اليَوْمَ، قَبْلَ أَنْ لاَ يَكُونَ دِينَارٌ وَلاَ دِرْهَمٌ، إِنْ كَانَ لَهُ عَمَلٌ صَالِحٌ أُخِذَ مِنْهُ بِقَدْرِ مَظْلَمَتِهِ، وَإِنْ لَمْ تَكُنْ لَهُ حَسَنَاتٌ أُخِذَ مِنْ سَيِّئَاتِ صَاحِبِهِ فَحُمِلَ عَلَيْهِ".

رواه اللبخاري ٢٤٤٩

**«Ҳар касе, ки зулме ба бародараш намуда бошад хоҳ ба обруи ӯ латма зада ва ё бар ӯ ситаме раво доштааст ё ҳаққи дигаре аз у поймол кардааст ҳамин рӯз (дар дунё) аз ӯ талаби бахшиш кунад, қабл аз инки рӯзе (қиёмат) фаро расад, ки дар он дирҳам ва диноре вуҷуд надорад. Зеро агар аъмоли неке дошта бошад (дар он руз) ба андозаи зулме, ки намудааст аз онҳо қаср мегардад. Ва агар аъмоли неке надошта бошад гуноҳони мазлумро бадуши ӯ (золим) мегузоранд»**

Бухорӣ 2449

Ва шоиста аст барои (ҳазина) ҳаҷ ва умрааш моли пок ва ҳалоле ихтисос диҳад зеро Паёмбар (с) фармуданд:

"إِنَّ اللهَ طَيِّبٌ لَا يَقْبَلُ إِلَّا طَيِّبًا".

رواه مسلم ١٠١٥

**«Ҳамоно Аллоҳ таъоло покаст ва ҷуз покро намепазирад».**

Муслим 1015

Ва Табарони аз Абуҳурайра (р.з) ривоят кардааст, ки гуфт: Паёмбар (с) фармуданд:

"إِذَا خَرَجَ الرَّجُلُ حَاجًّا بنفقةٍ طَيِّبَةٍ، وَوَضَعَ رِجْلَهُ فِي الْغَرْزِ، فَنَادَى: لَبَّيْكَ اللَّهُمَّ لَبَّيْكَ، نَادَاهُ مُنَادٍ مِنَ السَّمَاءِ: لَبَّيْكَ وَسَعْدَيْكَ، زَادُكَ حَلالٌ، وَرَاحِلَتُكَ حَلالٌ، وَحَجُّكَ مَبْرُورٌ غَيْرُ مَأْزُورٍ، وَإِذَا خَرَجَ بِالنَّفَقَةِ الْخَبِيثَةِ، فَوَضَعَ رِجْلَهُ فِي الْغَرْزِ، فَنَادَى: لَبَّيْكَ، نَادَاهُ مُنَادٍ مِنَ السَّمَاءِ: لا لَبَّيْكَ وَلا سَعْدَيْكَ، زَادُكَ حَرَامٌ وَنَفَقَتُكَ حَرَامٌ، وَحَجُّكَ غَيْرُ مَبْرُورٍ".

معجم الأوسط ٤٩٢

**"Ҳаргоҳ инсон бо моли пок қасди ҳаҷ кунад ва пой дар рикоб савор гузошт ва нидо сар дод: *"Лаббайкаллоҳумма Лаббайк"* яъне (Худоё нидои туро истиҷобат карда даъвататро пазируфтаам) Муноди аз осмон нидо диҳад: (*Лаббайка ва саъдайк*): яъне (Худованд пай дар пай саъодатат ва ёриат намояд) тушаи роҳат ҳалол ва саворият ҳалол ва ҳаҷҷат мақбул ва гуноҳонат мағфур аст ва ҳаргоҳ бо моли нопок ва ҳаром қасди ҳаҷ кард ва пой дар рикоби савор гузошт ва нидо сар дод (лаббайка): яъне (Парвардигоро ба хидмати ту омадам) муноди аз осмон нидо диҳад (*Ло лаббайк ва ло саъодайк*): яъне (Аллоҳ саъодатат ва ёриат накунад) тушаат ҳаром ва нафақаат ҳаром ва ҳаҷҷат мардуд аст".**

Муъҷамул Авсат 492

Ва барои ҳоҷи шоистааст, ки аз моли мардум ибрози бениёзи кунад ва аз дархост кардан аз мардум иҷтиноб варзанд, чароки Паёмбар (с) фармуд:

"وَمَنْ يَسْتَعْفِفْ يُعِفَّهُ اللَّهُ، وَمَنْ يَسْتَغْنِ يُغْنِهِ اللَّهُ".

رواه البخاري ١٤٢٨

**"Ҳар кас аз хостан дури ҷуяд Аллоҳ низ уро аз он дур нигоҳ медорад ва ҳар касе изҳори бениёзи кунад Аллоҳ уро бениёз месозад".**

Бухорӣ 1428

Ва фармуд:

"مَا يَزَالُ الرَّجُلُ يَسْأَلُ النَّاسَ حَتَّى يَأْتِيَ يَوْمَ الْقِيَامَةِ لَيْسَ فِي وَجْهِهِ مُزْعَةُ لَحْمٍ".

رواه البخاري ١٤٧٥

**"Баъзеҳо ҳамеша дасти гадоӣ пеши ину он дароз мекунанд (ин афрод) рӯзи қиёмат дар ҳоле ҳашр мешаванд, ки бар сураташон гуште боқи намондааст".**

Бухорӣ 1475

Ва бар ҳоҷи воҷиб аст, ки қасди вай аз анҷоми ҳаҷ ва умра барои ризогии Худованд ва ҷойгоҳи охират ва тақарруби Худованд бошад ва мабодо, ки қасди вай аз анҷоми ҳаҷ барои дунё ва чизҳои пуч ва беҳуда бошад ва ё барои риё ва ифтихор ва шуҳрат бошад чаро, ки ин ният аз ҷумлаи зиштарин мақосид ва сабаби ботил шудани амал ва адами мақбулияти он хоҳад шуд чунон, ки Худованд мефармяд:

﴿مَن كَانَ يُرِيدُ ٱلۡحَيَوٰةَ ٱلدُّنۡيَا وَزِينَتَهَا نُوَفِّ إِلَيۡهِمۡ أَعۡمَٰلَهُمۡ فِيهَا وَهُمۡ فِيهَا لَا يُبۡخَسُونَ ١٥ أُوْلَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ لَيۡسَ لَهُمۡ فِي ٱلۡأٓخِرَةِ إِلَّا ٱلنَّارُۖ وَحَبِطَ مَا صَنَعُواْ فِيهَا وَبَٰطِلٞ مَّا كَانُواْ يَعۡمَلُونَ ١٦﴾ [هود: ١٥، ١٦]

**"Касоне, ки зиндагии дунё ва зинати онро бихоҳанд (натиҷаи) аъмолашонро дар ҳамин дунё ба таври комил ба онҳо медиҳем ва чизи кам ва кост аз онҳо нахоҳад шуд(вале) онҳо дар охират ҷуз оташ (саҳме) нахоҳанд дошт ва онҷиро дар дунё анҷом доданд бар бод меравад ва онҷиро амал мекарданд ботил ва беасар мешавад".**

Ҳуд 15-16

Ва мефармояд:

﴿مَّن كَانَ يُرِيدُ ٱلۡعَاجِلَةَ عَجَّلۡنَا لَهُۥ فِيهَا مَا نَشَآءُ لِمَن نُّرِيدُ ثُمَّ جَعَلۡنَا لَهُۥ جَهَنَّمَ يَصۡلَىٰهَا مَذۡمُومٗا مَّدۡحُورٗا ١٨ وَمَنۡ أَرَادَ ٱلۡأٓخِرَةَ وَسَعَىٰ لَهَا سَعۡيَهَا وَهُوَ مُؤۡمِنٞ فَأُوْلَٰٓئِكَ كَانَ سَعۡيُهُم مَّشۡكُورٗا ١٩﴾ [الاسراء: ١٨، ١٩]

**"Он касе, ки зиндаги зудгузарро металабад он миқдор аз онро, ки бихоҳем ва ба ҳаркасе ирода кунем медиҳем сипас дузахро барои ӯ қарор хоҳем дод, ки дар оташи сузонаш месузад дар ҳоле, ки накӯҳида ва ронда аст ва он кас, ки сарои охиратро биталабад ва барои он саъй ва кушиш кунад дар ҳоле, ки имон дошта бошад саъй ва талоши ӯ подош дода хоҳад шуд".**

Исро 18-19

Ва Паёмбар (с) фармуданд: Худованд мефармояд:

"أَنَا أَغْنَى الشُّرَكَاءِ عَنِ الشِّرْكِ، مَنْ عَمِلَ عَمَلًا أَشْرَكَ فِيهِ غَيْرِي، تَرَكْتُهُ وَشِرْكَهُ"

مسلم ٢٩٨٥

**“Ман бениёзтарин шарикон аз ширк ва шарокат ҳастам ва ҳар касе коре анҷом диҳад, ки дар он ғайри манро шарики ман қарор диҳад уро бо ширкаш танҳо мегузорам”.**

Муслим 2985

Ҳамчунин шоиста аст, ки дар тули сафараш бо аҳли тоъат ва тақво ва фаҳм дар дин ҳамроҳ шавад ва аз мусоҳибат ва ҳамроҳи бо фосиқин ва суфаҳо ва бехирадон дури варзад.

Ва лозим аст ончи, ки дар ҳаҷ ва умра лозим аст анҷом шавандро биёмузад ва агар чизе барояш мушкил омад (аз аҳли илм) бипурсад то (маълумоти вай афзуда шуда) ва бар огоҳи ба онҷо биравад.
Ҳаргоҳ савори мошин ё ҳавопаймо ва дигар савориҳо шуд мустаҳаб аст Бисмиллоҳ ва Алҳамдулиллаҳ гуфта сипас се бор такбир гуяд:

بِسْمِ اللهِ، والْحَمْدُ للهِ، اللهُ أَكْبَرُ، اللهُ أَكْبَرُ، اللهُ أَكْبَرُ

ва ин ояро ҳам бихонад:

﴿سُبۡحَٰنَ ٱلَّذِي سَخَّرَ لَنَا هَٰذَا وَمَا كُنَّا لَهُۥ مُقۡرِنِينَ ١٣ وَإِنَّآ إِلَىٰ رَبِّنَا لَمُنقَلِبُونَ ١٤﴾ [الزخرف: ١٣، ١٤]

Ин оят дуъои савор шудан бар маркаб аст ва маъно'и он инаст:

**«Покаст он зоте, ки ин маркабро дар ихтиёр мо қарор дода дар ҳолле, ки мо наметавонистем онро мусаххар гардонем ҳамоно бозгашти мо басуи Парвардигор аст».**

Зухраф 13-14

Ва ин дуъоро ҳам бихонад:

اللَّهُمَّ إِنَّا نَسْأَلُكَ فِيْ سَفَرِنَا هَذَا الْبِرَّ وَالتَّقْوَى، وَمِنَ الْعَمَلِ مَا تَرْضَى، اللَّهُمَّ هَوِّنْ عَلَيْنَا سَفَرَنَا هَذَا وَاطْوِ عَنَّا بُعْدَهُ، اللَّهُمَّ أَنْتَ الصَّاحِبُ فِيْ السَّفَرِ، وَالْخَلِيْفَةُ فِيْ الْأَهْلِ، اللَّهُمَّ إِنِّيْ أَعُوْذُ بِكَ مِنْ وَعَثَاءِ السَّفَرِ، وَكَآبَةِ الْمَنْظَرِ، وَسُوْءِ الْمُنْقَلَبِ فِيْ الْمَالِ وَالْأَهْلِ.

**«Илоҳо! Мо дар ин сафар хоҳони неки ва тақво ва амале ҳастем, ки боиси хушнудии ту бошад. Бор Илоҳо! Ин сафарро барои мо осон бигардон ва дурии роҳро барои мо наздик кун. Эй Аллоҳ! Туи ҳамроҳи мо дар ин сафар ва ту ҷонишини мо дар хонаводa ҳасти. Бор Илоҳо! Аз мушаққатҳои сафар ва дидани манозири ғамангез ва таҳаввулногувор дар мол ва хонавода ба ту паноҳ мебарам».**

Ин азкор ва адъия аз Паёмбар (с) ворид шудааст чунон, ки имом Муслим дар саҳиҳи худ (1342) аз ибни Умар (р) ривоят кардааст.

Дар сафараш зиёд зикр ва истиғфор ва дуъо кунад ва ба даргоҳи Илоҳи тазарруъ намояд ва ба тиловати Қурон ва тадаббур дар маъони он бипардозад ва бар намози ҷамоъат мудовимат дошта

бошад ва забонашро аз қилу қол гуфтан ва шунуд ҳифз кунад ва аз пардохтан ба чизҳое, ки суде надорад иҷтиноб кунад ва дар мазоҳ зиёд руйи накунад ва ҳамчунин забонашро аз дуруғ ва ғайбат ва суханчини ва масхара кардани дустонаш ва ё дигар мусалмонон муҳофизат намояд.

Ва шоиста аст дар ҳаққи ҳамроҳонаш неки ва хуби кунад ва онҳоро азият накунад ва онҳоро амр ба маъруф ва наҳи аз мункар кунад бо равиш ва гуфтори нек ва бо ҳикмат.